Бо фармони Вазири меҳнат
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 21.12.2004, №217
тасдиқ шудааст.

# НИЗОМНОМА
## оид ба назорати дохилӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ

***Муқаррароти умумӣ***

1.Назорати дохилии муассисаи таълимӣ ин системаи мунтазам ва беғаразонаи санҷиш, баҳисобгирӣ ва таҳлили ҳолати ҷараёни таълиму тарбия буда, яке аз шаклҳои роҳбарии коллективи муҳандисию педагогӣ мебошад.

2.Вазифаи асосии назорати дохилии муассисаи таълимӣ ин мусоидати ҳаматарафа намудан ба такмили ҷараёни таълиму тарбия, минбаъд баланд бардоштани сатҳи таълим, сифати омодагии кадрҳои коргарии ихтисоснок, баландихтисос, мутахассисони звенои миёна, ки қодир бошанд дар шароити нави усулҳои хоҷагидорӣ, иқтисоди бозоргонӣ ва шаклҳои пешқадами ташкили меҳнат бомуваффақият фаъолият намоянд мебошад.

Назорати дохилии муассисаи таълимӣ яке аз воситаҳои самарабахши таъмини тартиботи намунавӣ дар ҳар як муассисаи таълимӣ, таҳкими интизоми таълимию тарбиявӣ, меҳнатӣ ва ҷамъиятии хонандагон, расонидани ёрии амалӣ ба кормандони муҳандисию педагогии муассисаи таълимӣ, пешгирӣ, ошкор ва сари вақт бартараф намудани камбудиҳо, ислоҳоти қатъии ҳодисаҳои шаклпарастӣ, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами муҳандисию педагогӣ мебошад.

3.Директори муассисаи таълимӣ барои ташкил ва вазъи назорати дохилии муассисаи таълимӣ масъулияти шахсӣ ба ӯҳда дорад.

Мутобиқи тақсимоти қитъаҳои назоратӣ ва супоришҳои директор назорати дохилии муассисаи таълимиро муовинони директор ва сарусто амалӣ менамоянд.

Масъулияти шахсӣ барои ташкили ҳолати назорати дохили муассисаи таълимӣ ба ӯҳдаи директор вогузор карда шудааст. Мувофиқи тақсимот ва нишондоди директор назорати дохилии муассисаи таълимӣ аз тарафи муовинони директор оид ба таълими истеҳсолӣ, корҳои маданию маишӣ, таълим ва тарбия, сарусто иҷро карда мешаванд.

Қисматҳои алоҳидаи ҷараёни таълиму тарбияро бо супориши директор раисони комиссияҳои методӣ, кормандони соҳибтаҷрибаи муҳандисию педагогӣ ва дар мувофиқ бо директор намояндагони

ташкилотҳои ҷамъятии муассисаи таълимӣ санҷида ва таҳлил менамоянд.

### *Банақшагирии назорати дохилии муассисаи таълимӣ*

4.Банақшагирии назорати дохилии муассисаи таълимӣ ба тариқи боби алоҳидаи нақшаи солонаи кори муассисаи таълимӣ амалӣ карда мешавад. Ҳангоми банақшагирӣ вазифаҳое, ки дар назди коллективи муҳандисию педагогӣ дар соли нави хониш гузошта шудаанд, натиҷаи фаъолияти коллективи муҳандисию педагогӣ таи соли хониши гузашта, қарорҳои Шӯрои муҳандисию педагогӣ, пешниҳодоти комиссияҳои методӣ ба инобат гирифта мешаванд. Мақсади мушаххас, мундариҷа ва усулҳои назорат, шаклҳои баррасии натиҷаи он ва ҳамчунин шахсони иҷрокунанда дар нақшаи кори назоратии моҳона, ки ба он ҷадвалҳои иштирок ба дарсҳо, машғулиятҳои тарбиявии беруназдарсӣ, инчунин машғулиятҳои маҳфилу бахшҳо замима мегарданд, нишон дода мешаванд.

5.Ҳангоми банақшагирии назоратии дохилии муассисаи таълимӣ ба инобат гирифтани нуқтаҳои зайл зарур аст:

-системаи санҷиши ҳаматарафаи ҷараёни таълиму тарбия бо назардошти таваҷҷӯҳи хоса ба сифати гузаронидани дарсҳо, ташкили корҳои беруназдарсӣ бо хонандагон, сатҳи дониш, малакаву маҳорат, ҳолати интизоми онҳо, кор бо волидайн, коллективҳои меҳнатии корхонаҳои базавӣ;

-мунтазам фаро гирифтани тамоми шӯъбаҳо, филиалҳо, гурӯҳҳои таълимии муассисаи таълимӣ, устохонаҳои таълимии истеҳсолӣ;

-ҳамоҳангсозии фаъолият ва ягонагии талаботи аз ҷониби роҳбарияти муассисаи таълимӣ, санҷиши иҷрои пешниҳодот дар асоси натиҷаҳои санҷишҳои қаблӣ, қарорҳое, ки дар асоси натиҷаҳои назорат қабул гардидаанд;

-тақсимоти қитъаҳои назоратӣ байни роҳбарони муассисаи таълимӣ мутобиқи вазифаҳои мансабии онҳо, ихтисос ва таҷрибаи амалӣ тадбирҳо аз рӯи натиҷаи назорат;

-дигар масоили ташкили назорат.

6.Ҳангоми банақшагирии назорати дохилии муассисаи таълимӣ миқдори ҳадди ақали зерини иштирок ба дарсу машғулиятҳо таи ҳафта зарур аст.

| № | Вазифаи ишғолкарда | Дарсҳо | Чорабиниҳои тарбиявии беруназдарсӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Директор | 2 | 1 |
| 2. | Муовини директор оид ба таълими истеҳсолӣ | 3 | 1 |
| 3. | Муовини директор оид ба таълим | 2 | 3 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ва тарбия | | |
| 4. | Муовини директор оид ба корҳои маданию маишӣ | 4 | 1 |
| 5. | Сарусто | 3 | 1 |

Санҷидани машғулияти таълимӣ ва таҷрибаи истеҳсолӣ дар як гурӯх новобаста аз дарозии вақт, инчунин машғулиятҳои таълими назариявии ҷуфт ҳамчун иштирок ба як дарс ҳисоб карда мешавад.

-сатҳи илмию методии дарсҳо, ҳолати таълимдиҳии фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти ҳамагонӣ, умумитехникӣ ва фанҳои махсус, таълими истеҳсолӣ ва таҷрибаомӯзии истеҳсолии хонандагон;

-иҷрои нақшаю барномаҳои таълимӣ;

-сифати тайёрии таҳсилоти ҳамагонӣ, касбӣ, сатҳи дониш, малакаю маҳорати хонандагон;

-ташкили тартиби таҳсил, меҳнат ва истироҳати хонандагон, ҳолати интизоми онҳо, саъйу кӯшиш дар омӯзиш ва меҳнати истеҳсолӣ;

-ҳолати корҳои беруназсинфӣ бо хонандагон, фаро гирифтани ҳамаи хонандагон бо эҷодиёти техникӣ, варзиш, корҳо оиди пешгирии қонунвайронкунӣ дар байни хонандагон;

-ташкил ва ҳолати кори фардӣ бо хонандагон дар дарсҳо ва машғулиятҳои беруназдарсӣ, ҳангоми тайёр кардани вазифаи хонагӣ;

-пешбурди ҳуҷҷатҳои нақшавӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ;

-системаи кори муаллимон, устоҳои таълими истеҳсолӣ, мураббиён ва таҷрибаи педагогии онҳо, аз ҷумла оиди роҳбарии (кураторӣи) гурӯҳ, кор бо волидайн, ва корхонаҳои базавӣ, ҳолати таъминоти педагогӣ, заминаи моддию техникӣ аз рӯи ҳар як фан ва ихтисос.

8.Вобаста аз мақсади гузошташуда назорати дохилии муассисаи таълимӣ метавонад фронталӣ ё комплексӣ (омӯзиши ҷараёни таълиму тарбияи гузошташуда), ҳамчунин мавзӯи (омӯзиши ягон масъалаҳои алоҳида) вобаста аз объекти санҷиш метавонад фардӣ (омӯзиши фаъолияти кори муаллими алоҳида ё устои таълими истеҳсолӣ, мураббӣ), фаннӣ - умумикардашуда (санҷиши кори муаллимони як фан ё устоҳои таълими истеҳсолӣ аз рӯи як ихтисос), синфӣ - ҷамъбасташуда (муаллимон ё устоҳои таълими истеҳсолие, ки дар гурӯҳ кор мекунанд).

9.Ба сифати шаклу усулҳои назорати дохилии муассисаи таълимӣ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд:

-иштирок ва таҳлили дарсу машғулиятҳои назариявӣ ва таълими истеҳсолӣ, таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, чорабиниҳои беруназдарсӣ, таҳлили иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ;

-таҳлили иҷрои нақшаю барномаҳои таълимӣ;

-мушоҳидаи кори муаллимон, устоҳои таълими истеҳсолӣ, роҳбарони (кураторони) гурӯҳ, мураббиён ва дигар кормандони муҳандисию педагогӣ;

-сӯҳбат бо муаллимон, устоҳои таълими истеҳсолӣ, мураббиён бобати масъалаҳои гуногуни фаъолияташон;

-бевосита санҷидани сифати донишу маҳорат, малакаи касбии хонандагон ба воситаи пурсиши шифоҳӣ, иҷрои корҳо аз тарафи хонандагон оиди супоришҳои тафтишкунанда, корҳои санҷишии фронталии хонандагон;

-санҷиши мундариҷа ва ҳаҷми вазифаи хонагии хонандагон;

-таҳлили ҳуҷҷатҳои нақшавӣ, баҳисобгирӣ, ҳисоботдиҳии кормандони муҳандисию педагогии муассисаҳои таълимӣ.

***Баҳисобгирии назорати дохилии муассисаи талимӣ***

10.Барои баҳисобгирии назорати дохилӣ дар муассисаи таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ барои ҳар як муаллим, устои таълими истеҳсолӣ журнали алоҳидаи кории ӯ ҷорӣ карда мешавад, ки ҳуҷҷати ягонаи ҳатмӣ барои ҳар як роҳбари муассисаи таълимӣ ба шумор меравад.

Дар журнал на дертар аз 2 рӯз баъд аз иштирок дар дарсҳо таҳлили он ба нишондоди дигар тарафҳои фаъолияти муаллимон, устоҳои таълими истеҳсолӣ, мураббиён, мундариҷа, хулосаҳо ва пешниҳодоти мушаххас оиди камбудиҳои ошкоршуда бо назардошти маводҳои пештараи санҷишҳо оиди масъалаи мазкур қайдҳои таҳлил сабт карда мешаванд.

11.Аз рӯи натиҷаҳои назорати дохилии муассисаи таълимӣ дар муассисаи таълимӣ фармону супоришҳо содир мегарданд.

Масъалаҳое, ки таҳлил ва қарори коллективонаро талаб мекунанд ба баррасии комиссияҳои методӣ, Шӯрои муҳандисию педагогӣ пешниҳод карда мешаванд.